ХУЛОСАИ НИҲОИИ
шурои диссертатсионии 6D.КОА-020 назди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии №_____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 29.09.2022, №12

Барои сазовор донистани Латифов Алихон Давлатович, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷӣ (адабиёти ҳиндӣ).

Диссертатсияи Латифов Алихон Давлатович дар мавзуи «Инъикоси масоили иҷтимоӣ дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷӣ (адабиёти ҳиндӣ) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистоназ 7-уми январи соли 2022, таҳти №23) 30 июни соли 2022, суратмаҷлиси №6 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Латифов Алихон Давлатович 10-уми июли соли 1982 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2004 факултети шарқшиносӣ (ҳоло забонҳои Осиё ва Аврупо)-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро хатм кардааст. Аз соли 2005 то имрӯз дар кафедраи филологияи Ҳинди факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳамчун омӯзгор фаъолият дорад. Аз соли 2020 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи филологияи Ҳинд ба пажӯҳишу таҳқиқ машғул аст.

Диссертатсия дар кафедраи филологияи Ҳинди факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ: доктори илми филология, профессори кафедраи филологияи Ҳинди факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Рачабов Ҳабибулло.

Муқарризони расмӣ: Охониёзов Варқа Дустович – доктори илми филология, сарходими илмии шуъбаи фолклор ва адабиёти Бадахшони Институти илмҳои гуманитарии ба номи Баҳодур Искандарови АМИТ ва Одинаев Нурмаҳмад Сафарович – номзади илми филология, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. Муқарризони расмӣ ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

Муассисаи пешбар: **Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода** дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири

кафедраи назария ва таърихи адабиёт, номзади илми филология, дотсент Шамсов Нурмад Сироҷович, эксперт – дотсенти кафедраи мазкур, номзади илми филология Бобоалиева Зебонисо Пирмуродовна, котиби илмии ҷаласа – Раҳимова Мушкинисо ва имзою муҳри ректори муассиса, доктори илми филология, профессор Гулназарзода Жило пешниҳод шудааст, қайд намудааст, ки диссертатсияи номзадии Латифов Алихон Давлатович дар мавзуи «Инъикоси масоили иҷтимоӣ дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз» ба талаботи бандҳои 31-37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он ба дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷӣ (адабиёти ҳиндӣ) сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи адабиётшиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи баррасишаванда иртибот дорад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 8 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонидааст. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[1-М]. Латифов, А.Д. Мақоми зан дар ҳикояи «Шинохти хеш»-и Меҳруннисо Парвиз / А.Д. Латифов // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Дониш, 2010. – № 3. – С. 177-180.

[2-М]. Латифов, А.Д. Симои зан дар ҳикояи «Ид»-и Меҳруннисо Парвиз / А.Д. Латифов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2010. – № 7 (63). – С. 159-160.

[3-М]. Латифов, А.Д. Тасвири ҳаёти зани ҳинду дар ҳикояи «Ошӯби зиндагӣ»-и Меҳруннисо Парвиз / А.Д. Латифов // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Дониш, 2011. – № 1 (63). – С. 152-154.

[4-М]. Латифов, А.Д. Тасвири ҳаёти деҳа дар ҳикояҳои «Кунҷи зинапояҳо» ва «Ид»-и Меҳруннисо Парвиз / А.Д. Латифов // Паёми Донишгоҳи миллии

Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2016. – № 4/3 (203). – С. 165-168.

[5-М]. Латифов, А.Д. Меҳруннисо Парвиз – тарсимгари расму таомули рустой / А.Д. Латифов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2017. – № 4/3. – С. 242-245.

[6-М]. Латифов, А.Д. Меҳруннисо Парвиз – рӯзноманигор / А.Д. Латифов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Сино, 2017. – № 4/4. – С. 239-243.

[7-М]. Латифов, А.Д. Нақши муколама дар ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз / А.Д. Латифов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2018. – № 6. – С. 199-204.

[8-М]. Латифов, А.Д. Меҳруннисо Парвиз – намояндаи адабиёти навини ҳиндӣ / А.Д. Латифов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2019. – № 5. – С. 253-258.

Ба автореферати диссертатсия аз муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:

1. Тақризи номзади илми филология, муовини сардори раёсати илм ва инноватсияи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Маликшозода Шобегим мусбат буда, ба автореферат се эрод манзур шудааст: 1) Иқтибосҳоро дар автореферат бештар овардааст, дар ҳоле ки автореферат талхиси диссертатсия аст ва дар он бояд бештар мавқеи худи диссертант, ки дар натиҷаи таҳлилу баррасиҳои густарда дар диссертатсия сурат гирифтааст, оварда шавад; 2) Хуб мешуд, агар диссертант номи китобҳои ҳиндиро на бо ҳарфҳои сирилик, балки бо овонавис баргардон менамуд; 3) Корбурди калимаи «адиба» дар автореферат ба назар мерасад, дар ҳоле ки тибқи қоидаи имлои ҳозира «адиб» дар ҳар ду ҷинс ба кор меравад.

2. Тақризи номзади илми филология, дотсент, котиби шурои олимони Донишгоҳи давлатии Данғара Пирхонова Қурбоной низ мусбат буда, дар он ду эрод ҷой дорад: 1) Дар автореферат ҷо-ҷо ғалатҳои имлой ва техникӣ ба назар мерасад; 2) Дар кор такрори фикр ҳам мушоҳида мешавад.

3. Дар тақризи номзади илми филология, муовини директори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ Муҳаммадиев Шамсиддин аҳаммияти илмии таҳқиқ зикр гардида, ба автореферат ду эрод гирифта шудааст: 1) Аппарати илмӣ-техникии автореферат аз камбудиҳо холӣ нест; 2) Диссертатнт баъзе аз иқтибосотро ба таври зарурӣ мавриди таҳлил қарор надодааст.

Муқарризон дар баробари муайян кардани баъзе норасой ва нуқсонҳои автореферати диссертатсия аҳаммияти ҷанбаҳои назарию амалӣ ва навоварии онро таъкид карда, муаллифро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми

филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷӣ (адабиёти ҳиндӣ) сазовор донистаанд.

Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:

- унвонҷӯ Латифов Алихон Давлатович бо истифода аз назарияҳо ва равишҳои илмӣ-таҳқиқии муосир ба омӯзиш ва таҳлилу баррасии зиндагинома ва фаъолияти эҷодии Меҳруннисо Парвиз машғул гардида, кори илмии арзишмандро **ба анҷом расонидааст;**
- дидгоҳҳои мунаққидону суханшиносон оид ба шахсияту фаъолияти Меҳруннисо Парвиз ва ҳунари нависандагии ӯ **таҳлилу баррасӣ гардидаанд;**
- фаъолияти иҷтимоӣ ва рӯзноманигории нависанда **тавзеҳ ёфтаанд;**
- мавқеи ҳикоя дар эҷодиёти Меҳруннисо Парвиз **баррасӣ гардида**, хусусиятҳои ғоявӣ-мавзуӣ ва услубии ҳикояҳои нависанда **коркард ва муайян карда шудаанд**;
- таҳлили ҳикояҳои нависанда бар асоси назарияҳои адабӣ **асоснок шудааст;**
- нақши Меҳруннисо Парвиз дар ҷомеаи адабӣ-фарҳангии замонаш ва таъсири ӯ ба фаъолияти эҷодии адибони дигар **исбот шудаанд.**

Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир меёбад, ки ин кори диссертатсионӣ ба масъалаҳои камшинохтаи марбут ба ҳаёт ва фаъолияти нависанда Меҳруннисо Парвиз равшанӣ андохта, дар омӯзиши ҷомеи ҳикояҳои ӯ маводи зарурӣ дода метавонад. Натиҷаҳои бадастомада аз таҳқиқ дар омӯзишу арзёбии давраҳои зуҳуру ташаккули ҳикояи ҳиндӣ баъди ба даст овардани Истиқлол, таҳаввулоти падидомада дар мавзуъ, муҳтавову мундариҷаи ҳикоя дар нимаи дуюми асри XX судманд хоҳад буд. Ҳамчунин, аз натиҷаҳои таҳқиқ метавон зимни таълифи таърихи адабиёти ҳиндӣ, масоили адабиётшиносӣ ва нақди адабӣ истифода намуд.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзуъ ва таҳқиқи масъалаҳои ҷудогона таҷриба ва дастовардҳои илмию методии муҳаққиқону донишмандони ватанию хориҷӣ, аз ҷумла В.М. Жирмунский, В.В. Виноградов, М.М. Бахтин, М.Б. Храпченко, Ю.М. Лотман, В.В. Томашевский, Минӣ Самуел, Шраддҳа Чандракҳар, Каминӣ Сенварҳа, Сукеш Дубе, Хоҷа Аҳмад Ансорӣ, Е.П. Челишев, Ҳ. Рачабов ва дигарон ҳамчун заминаҳои назариявӣ **омӯхта ва истифода шудаанд.**

Дар диссертатсия **методи** таҳқиқи қиёсӣ-таърихии падидаҳои адабӣ истифода шудааст.

Аҳаммияти натиҷаҳои ба дастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад, ки аз маводи

пешниҳодшуда ҳангоми тадвину таълифи дастурҳои методӣ ва васоити таълимӣ роҷеъ ба адабиёти ҳиндӣ метавон истифода кард. Ҳамчунин аз маводи диссертатсия ҳангоми мураттаб сохтани курси лексияҳо доир ба адабиёти муосир, гузаронидани семинару курсҳои махсус дар мавзуъҳои адабиёти муосири ҳиндӣ, назария ва амалияи наср дар факултетҳои равияи филологии мактабҳои олӣ метавон истифода намуд.

Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ консепсияҳои илмӣ ва назарияи адабиёти хориҷию ватанӣ истифода шудаанд. Дар умум, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз мушаххас будани мавзуъ, дақиқияти маълумот, кофӣ будани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, ҳаҷми интишорот ва интихоби усулҳои таҳқиқ бармеоянд. Хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои назарӣ пешниҳод шудаанд.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқро масъалаҳои асосии дар диссертатсия баррасигардида, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд. Муаллифи диссертатсия дар мисоли ҳикояҳои Меҳруннисо Парвиз ба таҳқиқи паҳлуҳои гуногуни масоили иҷтимоӣ машғул шуда, рӯзгору осор, ҳунари эҷодӣ, сабку нигориши бадеии осори адибаро баррасӣ намудааст. Дар диссерртатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф натиҷаи асосии кори таҳқиқӣ инъикос ёфтаанд.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2022 дар бораи сазовор донистани Латифов Алихон Давлатович ба дараҷаи илмии номзади илми филология қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 14 нафар, аз ҷумла 6 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти халқҳои кишварҳои хориҷӣ иштирок доштанд.

Дар овоздиҳӣ 14 нафар иштирок намуд. Аз 15 нафар аъзои ба ҳайати шурои диссертатсионӣ шомилбуда овоз доданд: тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Мақсудов Бадриддин.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илми филология Сироҷиддини Эмомалӣ.
29.09.2022